# Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

# ҚАРОР

Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои пешбурди Феҳристи ягонаи давлатии электронии ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ва Қоидаҳои пешбурди Феҳристи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ

Мутобиқи моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Қоидаҳои пешбурди Феҳристи ягонаи давлатии электронии ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ва Қоидаҳои пешбурди Феҳристи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ тасдиқ карда шаванд (замимаҳои 1 ва 2).

2. Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати татбиқи қарори мазкур чораҳои зарурӣ андешанд.

Раиси
Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

31 майи соли 2012, № 285
ш. Душанбе

Замимаи 1
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 31 майи соли 2012, № 285

# Қоидаҳои пешбурди Феҳристи ягонаи давлатии электронии ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ

## §1. Муқаррароти умумӣ

1. Қоидаҳои пешбурди Феҳристи ягонаи давлатии электронии ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ (минбаъд - Қоидаҳо) пешбурди Феҳристи ягонаи давлатии электронии ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ (минбаъд - Феҳристи электронӣ) ва дигар масъалаҳои вобаста ба Феҳристи ягонаи давлатии электронии ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳиро муайян менамояд.

2. Феҳристи электронӣ дар низоми мустақим (онлайн) дастрас буда, манбаи ҷамъбастии маълумот оид ба ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ мебошад, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатии иҷозатдиҳанда ба субъектҳои соҳибкорӣ дода мешаванд.

3. Феҳристи электронӣ маҷмӯи маълумоти электронӣ оид ба қоидаҳои додан, аз нав барасмият даровардан, боздоштан, барқарор ва бекор кардани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ, маълумот дар бораи пардохти маблағ барои гирифтани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ва маълумоти дигарро дар бораи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ фаро мегирад.

4. Феҳристи электронӣ дар сомонаи интернетии Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ - www.ijozat.tj ҷойгир карда мешавад.

5. Маҷмӯи маълумоти электронӣ ба Феҳристи электронӣ бо забони давлатӣ ва дар ҳолатҳои зарурӣ бо дигар забонҳои хориҷӣ ворид карда мешавад.

6. Барои додани ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" танҳо дар асоси талаботи Феҳристи электронӣ иҷозат дода мешавад.

7. Ба Феҳристи электронӣ ворид намудани маҷмӯи маълумоти электроние, ки ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат мекунад ва ё маълумоти нодуруст манъ аст.

## §2. Қоидаҳои таҳияи маҷмӯи маълумоти электронӣ, ворид ва хориҷ намудани он аз Феҳристи электронӣ

8. Маҷмӯи маълумоти электронӣ барои ворид намудан ба Феҳристи электронӣ аз ҷониби ҳар як мақоми ваколатдори давлатии иҷозатдиҳанда оид ба ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳие, ки дар моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" муайян карда шудаанд, пешниҳод карда мешавад.

9. Маҷмӯи маълумоти электронӣ мутобиқи Дастурамали намунавии коргузорӣ дар вазорату кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти идоракунии давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳо ва корхонаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2008, №585 тасдиқ шудааст, аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатии иҷозатдиҳанда ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ тибқи замимаи Қоидаҳои мазкур пешниҳод карда мешавад.

10. Барои дурустии маҷмӯи маълумоти электронии пешниҳодшуда мақомоти ваколатдори давлатии иҷозатдиҳанда масъул мебошанд.

11. Роҳбари мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ маҷмӯи маълумоти электронии пешниҳодшударо баррасӣ намуда, бо супориши ӯ шахси масъули мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ онро ба Феҳристи электронӣ ворид менамояд.

12. Хориҷ намудани маҷмӯи маълумоти электронӣ тибқи талаботи бандҳои 9 ва 11 Қоидаҳои мазкур аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ амалӣ карда мешавад.

## §3. Вазифаҳои роҳбарони мақомоти ваколатдори давлатии иҷозатдиҳанда

13. Роҳбари мақоми ваколатдори давлатии иҷозатдиҳанда:

- бо дархости мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ маҷмӯи маълумоти электрониро (шакли электронии ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳиро) пешниҳод менамояд;
- санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳиро ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" мутобиқ мекунад ва ё ба мақомоти дахлдор тибқи тартиби муқarrаргардида таклиф пешниҳод менамояд;
- тағйиру иловаҳоро ба санадҳои меъёрии ҳукуқие, ки ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳиро ба танзим медароранд, ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ барои ворид намудан ба Феҳристи электронӣ пешниҳод менамояд;
- барои татбиқи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" ва ҳалли баҳсҳои бамиёномада вобаста ба ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ дар идораи худ масъул мебошад.

## §4. Вазифаҳои шахси масъули мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ

14. Ба вазифаҳои шахси масъули мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ инҳо дохил мешаванд:

- маълумоти дар сомонаи интернетии www.ijozat.tj ҷойгирбударо баррасӣ намуда, ҷиҳати такмили он ба роҳбари мақоми ваколатдори

давлатӣ дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ гузориш пешниҳод менамояд;

- оид ба саволҳои ба сомонаи интернетии www.ijozat.tj воридшуда ба роҳбари мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ ахбороти хаттӣ пешниҳод намуда, бо дастури ӯ ҷавоби саволҳоро ба сомонаи мазкур ворид менамояд;
- маълумоти Феҳристи электрониро, ки дар сомонаи интернетии www.ijozat.tj ҷойгир аст, бо дастури роҳбари мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ ворид ва хориҷ мекунад;
- барои маҷмӯи маълумоти электронии сомонаи интернетии www.ijozat.tj аз ҷумла саҳифаи Феҳристи электронӣ, масъул мебошад;
- барои зангҳои телефони боварии алоқаи мустақим, ки дар сомонаи интернетии www.ijozat.tj ҷойгир мешавад, мутасаддӣ мебошад.

## §5. Муқаррароти хотимавӣ

15. Хароҷоти сомонаи интернетии www.ijozat.tj, аз ҷумла хостинг, пешбурди Феҳристи электронӣ ва хароҷоти дигар аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ, ки барои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ пешбинӣ гардидаанд ва ё аз ҳисоби дигар маблағҳои ғайрибуҷетӣ амалӣ карда мешаванд.

16. Соҳибкорон, масъулини мақомоти ваколатдори давлатии иҷозатдиҳанда ва дигар шахсони манфиатдор ҳуқуқ доранд оид ба маҷмӯи маълумоти Феҳристи электронӣ ба роҳбари мақоми давлатӣ, мақоми болоӣ, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ ва суд муроҷиат намоянд.

17. Баҳсҳои вобаста ба маҷмӯи маълумоти Феҳристи электронӣ аз ҷониби роҳбари мақоми давлатӣ, мақоми болоӣ, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ ё суд ҳал карда мешаванд.

18. Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ моҳи январи ҳар сол оид ба Феҳристи электронӣ ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ахборот пешниҳод менамояд.

Замима
ба Қоидаҳои пешбурди
Феҳристи ягонаи давлатии
электронии ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ

| № | Маълумот |
|---|---|
| 1 | Намуди фаъолият |
| 2 | Номгӯи иҷозат: |
| 3 | Мақсади иҷозатдиҳӣ: |
| 4 | Асоси ҳуқуқӣ: |
| 5 | Мақоми ваколатдори давлатии иҷозатдиҳанда: |
| 6 | Хадамот, раёсат, шӯъба ва ё дигар сохтори масъули мақоми иҷозатдиҳанда: |
| 7 | Суроғаи расмии хадамот, раёсат, шӯъба ва ё дигар сохтори масъули мақоми ваколатдори давлатии иҷозатдиҳанда: |
| 8 | Рақами телефони хадамот, раёсат, шӯъба ва ё дигар масъули мақоми ваколатдори давлатии иҷозатдиҳанда: |
| 9 | Суроғаи электронии хадамот, раёсат, шӯъба ва ё дигар сохтори масъули мақоми ваколатдори давлатии иҷозатдиҳанда |
| 10 | Сомонаи интернетии хадамот, раёсат, шӯъба ва ё дигар сохтори масъули мақоми ваколатдори давлатии иҷозатдиҳанда: |
| 11 | Соати кории хадамот, раёсат, шӯуъба ва ё дигар сохтори масъули маққоми ваколатдори давлатии иҷозатдиҳанда: |
| 12 | Шахси масъул: |
| 13 | Рақами телефони шахси масъул: |
| 14 | Суроғаи электронии шахси масъул: |
| 15 | Рӯзҳои қабул ва соатҳои кории шахси масъул: |
| 16 | Хироҷ барои баррасӣ намудани иҷозат: |
| 17 | Хироҷ барои додани иҷозат: |
| 18 | Хироҷ барои аз нав додани иҷозат: |
| 19 | Мӯҳлати баррасии ариза ва додани иҷозат: |
| 20 | Мӯҳлати амали иҷозат: |
| 21 | Номгуй ва намунаи ҳуҷҷатҳое, ки барои ба даст овардани иҷозат заруранд: |
| 22 | Нусха(ҳо)-и иҷозат ва намунаи ариза замима карда мешаванд: |

Эзоҳ: Дар ҳолати иваз гардидани шахси масъул, маьлумоти дар бандҳои 12-15 пешбинигардида ва маълумоти дар бандҳои 5-11 пешбинигардида, мақоми ваколатдори давлатии иҷозатдиҳанда маҷмӯи маълумоти электронии дахлдорро фавран таҳия ва ба мақоми ваколатдори

давлатӣ дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ пешниҳод менамояд.

Замимаи 2
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 31 майи соли 2012, № 285

## Қоидаҳои пешбурди Феҳристи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ

### §1. Муқаррароти умумӣ

1. Қоидаҳои пешбурди Феҳристи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ (минбаъд - Қоидаҳо) ташкил ва пешбурди Феҳристи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ (минбаъд - Феҳрист)-ро муайян намуда, маҷмӯи маълумот оид ба ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳии додашуда, аз нав ба расмият даровардашуда, боздошташуда, азнавбарқароршуда ва бекор кардашударо, ки аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатии иҷозатдиҳанда (минбаъд - мақоми иҷозатдиҳанда) амалӣ гардонида шудаанд, дар бар мегирад.

2. Феҳрист аз ҷониби мақоми иҷозатдиҳанда ташкил карда шуда, дар шакли чопӣ ва шакли электронӣ пеш бурда мешавад.

3. Ҳангоми номутобиқати маълумоти шакли чопӣ ба маълумоти шакли электронӣ, бартарият ба маълумоти шакли чопии Феҳрист дода мешавад.

4. Вазифаҳои асосии пешбурди Феҳрист:

- ҳимояи ҳуқуқҳои конститутсионӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандоне, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистои ба соҳибкорӣ машғул мешаванд;

- риоя намудани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" ва Қоидаҳои мазкур аз ҷониби мақомоти иҷозатдиҳанда;

- пешбурди тартиби ягонаи коргузорӣ оид ба пешниҳоди ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ;

- ошкорсозӣ, пешгирӣ ва решакан намудани саривақтии ҳуқуқвайронкуниҳо ҳангоми пешбурди Феҳрист, ки ба манфиатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, манфиатҳои соҳибкорон, ба ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон зарар мерасонанд, инчунин муайян намудани сабаб ва ҳолати ба вуҷуд омадани ҳуқуқвайронкуниҳо.

5. Қоидаҳои мазкур ягона буда, талаботи он барои ҳамаи мақомоти иҷозатдиҳанда ҳатмӣ мебошад.

6. Шахсони мансабдори мақомоти иҷозатдиҳанда ҳангоми пешбурди Феҳрист ӯҳдадоранд, ки талаботи Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ", "Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия" ва Қоидаҳои мазкурро мавриди роҳбарӣ қарор диҳанд.

7. Маълумоте, ки дар Феҳрист ҷойгир карда шудааст, ошкор буда, ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудаанд, дастрас мебошад.

## §2. Тартиби ташаккули шакли чопии Феҳрист

8. Мақомоти иҷозатдиҳанда вазифадоранд Феҳристро мутобиқи намунаҳо (замимаҳои 2-5) ташкил намоянд.

9. Феҳрист аз қисми асосӣ ва бойгонӣ иборат мебошад:

а) қисми асосӣ дар асоси принсипи тақсимшавӣ ба қисмҳо мувофиқи ҳар як ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ, ки барои додани онҳо мақомоти иҷозатдиҳанда тибқи моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" ваколат доранд, ташкил карда мешавад. Дар ҳар як қисми Феҳрист варақаҳои маълумоти бо ишораи ному насаби шахси дорои ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ташкил карда шуда, аз рӯи алифбо ба тартиб дароварда мешаванд;

б) қисми бойгонии Феҳрист аз дафтари бақайдгирии иқтибосҳо аз Феҳрист (замимаи 6) ва ҷузъдони замимаҳои бойгонӣ (танҳо барои шакли чопии Феҳрист) иборат аст.

10. Мақоми иҷозатдиҳанда вазифадор аст, ки аз ҳайати кормандони зерсохтори мақомоти иҷозатдиҳанда (бахш, шӯъба ва ё раёсат, ки барои додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ӯҳдадор мебошанд), ду нафар корманди худро барои пешбурди Феҳрист тибқи тартиби муқарраргардида муайян ва таъин намояд.

11. Хизматчиёни давлатии муайян ва таъингардида (минбаъд - масъулин) бояд аз муқаррароти Қонуни Ҷумҳурин Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" пурра хабардор буда, принсипҳои пешбурди Феҳристи мазкурро омӯхта бошанд.

12. Шахсони мансабдори масъули мақомоти иҷозатдиҳандае, ки барои ташаккули Феҳрист монеа эҷод мекунанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

## §3. Тартиби пешбурди ҳомили коғазии (чопии) Феҳрист

13. Дар ҳолати қабул гардидани қарори мусбӣ оид ба додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳии дархостшуда ва додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ба аризадиҳанда, масъулини мақоми иҷозатдиҳанда ӯҳдадоранд:

а) дар қисми асосии ҳуҷҷати иҷозатдиҳии додашуда, вобаста аз намуди ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ба номи аризадиҳанда варақаи маълумотӣ тартиб диҳанд;

б) дар варақаи маълумотии соҳиби ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ маълумоти зеринро ифода намоянд:

- маълумот оид ба аризадиҳанда (номи шахси ҳуқуқӣ, барои соҳибкори инфиродӣ - насаб, ном ва номи падар, маълумоти тамосӣ);
- намуди ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ;
- сана ва рақами қарор (амр, фармон, фармоиш) оид ба додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ;

- силсила, рақам ва санаи додани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ;
- мӯҳлати амали ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ.

14. Дар ҳолати аз нав ба расмият даровардани ҳуҷҷати иҷозатдиҳии қаблан ба аризадиҳанда додашуда, масъулин ӯҳдадоранд, ки маълумоти дахлдорро оид ба тағйироти воридшуда, ки дар натиҷаи аз нав барасмиятдарорӣ ба вуҷуд омадаанд, ба сатри мувофиқи Феҳрист (маълумот оид ба аз нав барасмиятдарории ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ҳангоми аз нав барасмиятдарорӣ, пешниҳоди нусхаҳо ва нусхаҳои дуюми ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ) на дертар аз се рӯзи корӣ пас аз баромадани қарор ворид намоянд.

15. Дар ҳолати қабул шудани қарор оид ба катъ гардонидани ҳуҷҷати иҷозатдиҳии қаблан додашуда, масъулин ӯҳдадоранд, ки маълумоти дахлдорро оид ба тағйироти воридшуда, ба сатри мувофиқи Феҳрист (асос, сана ва рақами қарор (амр, фармон, фармоиш) дар бораи бартарафкунии камбудиҳои шартҳои ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ) на дертар аз се рӯзи корӣ пас аз баромадани қарор ворид намоянд.

16. Дар ҳолати қабул шудани қарор дар бораи аз нав барқароркунии ҳуҷҷати иҷозатдиҳии қаблан қатъгардонидашуда, масъулин ӯҳдадоранд, ки маълумоти дахлдорро ба сатри мувофиқи Феҳрист (асос, сана ва рақами қарор (амр, фармон, фармоиш) оид ба катъгардонӣ ва азнавбарқароркунии амали ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ) на дертар аз се рӯзи корӣ пас аз баромадани қарор ворид намоянд.

17. Дар ҳолати қабул шудани қарор (амр, фармон, фармоиш) оид ба бекор кардани ҳуҷҷати иҷозатдиҳии қаблан қатъгардонидашуда, масъулин ӯҳдадоранд, ки маълумоти дахлдорро оид ба бекоркунии ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ба сатри мувофиқи Феҳрист (асос, сана ва рақами қарор оид ба бекоркунии ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ) на дертар аз се рӯзи корӣ пас аз баромадани қарор ворид намоянд.

18. Дар ҳолати қабул шудани қарор оид ба бекоркунии ҳуҷҷати иҷозатдиҳии қаблан қатъгардонидашуда, масъулин ӯҳдадоранд, ки маълумоти дахлдорро оид ба бекоркунии ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ба сатри мувофиқи Феҳрист (асос, сана ва рақами қарор оид ба беъэтибор донистани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ) на дертар аз се рӯзи корӣ пас аз баромадани қарор ворид намоянд.

19. Дар ҳолати дархост намудани маълумоти оморӣ аз ҷониби мақомот ва идораҳои давлатӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, мақоми иҷозатдиҳанда маълумоти дархостшударо дар мӯҳлати понздаҳ рӯз пешниҳод менамояд. Пас аз пешниҳоди маълумоти дархостшуда масъулин ӯҳдадоранд, ки маълумоти дахлдорро мувофиқи замимаи 3 Қоидаҳои мазкур ба дафтари бақайдгирии иқтибосҳо, на дертар аз се рӯзи корӣ пас аз пешниҳоди маълумот аз ҷои талабкардашуда ворид намоянд.

## §4. Тартиби пешбурди шакли электронии Феҳрист

20. Шакли электронии Феҳрист дар компютери кории зерсохтори мақоми иҷозатдиҳанда ташкил карда шуда, дар асоси шакли чопӣ, ки дар бандҳои 14-20 Қоидаҳои мазкур муайян карда шудааст, мувофиқан пеш бурда мешавад.

21. Лифофаи барномавии шакли электронии Феҳрист бо заминаи маълумоти барномаи Microsoft Access аз рӯи намунае, ки дар замимаи 3 оварда шудааст, ташкил карда мешавад.

22. Дастрасӣ ба шакли электронии Феҳрист тавассути рамз (парол), ки аз ҷониби масъулин оид ба пешбурди Феҳрист муқаррар мегардад, амалӣ гардонида мешавад. Рамз танҳо барои масъулин (ду нафар) оид ба пешбурди Феҳрист буда, махфӣ нигоҳ дошта мешавад.

23. Ворид намудани маълумоти шакли электронии Феҳрист, пас аз ворид намудани ҳар як маълумоти нав ва ё тағйиротҳо ба шакли чопии Феҳрист на дертар аз се рӯзи корӣ пас аз интишори қарор нисбат ба ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ, амалӣ гардонида мешавад.

24. Дар ҳолати зарурияти пешниҳод намудани маълумоти оморӣ (дархост оид ба миқдори ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳии додашуда, аз нав ба расмият даровардашуда, боздошташуда ва бекор карда шуда ва ғайра) бо мақсади сарфаи вақти корӣ, мақомоти иҷозатдиҳанда шакли электронии Феҳристро истифода мебаранд.

25. Бо мақсади таъмин намудани бехатарии иттилоотӣ (шикастани низоми компютер тавассути интернет) ва пешгирии нобудшавии маълумот (дар натиҷаи вайроншавии системаи оператсионии компютер) аввали моҳи марти ҳар сол, масъулин оид ба пешбурди Феҳрист ӯҳдадоранд, ки шакли электронии Феҳристро дар шакли рақамии электронии алоҳида омода намуда, барои нигоҳдорӣ дар ҷузъдони замимаҳои бойгонии шакли чопии Феҳрист диҳанд.

## §5. Вазифаҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ ва мақомоти иҷозатдиҳӣ

26. Вазифаҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ инҳоянд:

- ба масъулин вобаста ба пешбурди Феҳрист ёрии машваратӣ, амалӣ ва дастури усулӣ мерасонад;
- масъулинро ба таҷрибаомӯзӣ, семинарҳо ва курсҳои такмили ихтисос, ки ба низоми иҷозатдиҳӣ алоқаманданд, ҷалб менамояд:
- риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии низоми иҷозатдиҳӣ, аз ҷумла Қоидаҳои мазкурро назорат мекунад;
- фаъолияти мақомоти иҷозатдиҳандаро оид ба риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзими низоми иҷозатдиҳӣ на кам аз як маротиба дар як сол мавриди санҷиш қарор медиҳад;
- аз натиҷаи санҷиш санад тартиб дода, барои бартараф кардани камбудиҳо ё барои маълумот онро ба мақомоти иҷозатдиҳанда ирсол менамояд;

- ҳар сол дар моҳи январ оид ба Феҳрист ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ахборот пешниҳод менамояд.

27. Вазифаҳои мақомоти иҷозатдиҳанда:

- риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзими низоми иҷозатдиҳӣ, аз ҷумла Қоидаҳои мазкурро дар мақомот таъмин мекунанд;

- барои ба таҷрибаомӯзӣ, семинарҳо ва курсҳои такмили ихтисос, ки ба низоми иҷозатдиҳӣ алоқамананд ҷалб намудани масъулин ва ҳангоми санҷиши фаъолияти мақомот оид ба риояи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзими низоми иҷозатдиҳӣ мусоидат мекунанд;

- камбудиҳои дар натиҷаи санҷиш ошкор шударо бартараф намуда, аз натиҷаи он ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ ахборот ирсол менамоянд;

- вобаста ба пешбурди Феҳрист ҳар сол дар моҳи декабр ба мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ маълумоти хаттӣ пешниҳод менамоянд.

28. Дар ҳолати ба вуҷуд омадани ихтилофи манфиатҳо ва гуногунфаҳмӣ нисбат ба вазифаҳои мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ ва вазифаҳои мақомоти иҷозатдиҳанда баҳсҳо аз ҷониби роҳбарияти ҳарду мақомот ҳал карда мешаванд. Дар ҳолати ба мувофиқа наомадани тарафҳо баҳс аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешавад.

## §6. Муқаррароти хотимавӣ

29. Хароҷоти пешбурди Феҳрист, барои ба таҷрибаомӯзӣ, семинарҳо ва курсҳои такмили ихтисос ҷалб намудани масъулин аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ, ки барои мақомоти иҷозатдиҳанда пешбинӣ карда шудаанд, ва ё аз ҳисоби дигар маблағҳои ғайрибуҷетӣ амалӣ карда мешаванд.

30. Соҳибкорон, масъулини мақомоти иҷозатдиҳанда ва дигар шахсони манфиатдор ҳуқуқ доранд оид ба Қоидаҳо, Феҳрист ва беамалии масъулин ба роҳбари мақоми давлатӣ, мақоми болоӣ, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ ва суд муроҷиат намоянд.

31. Бахсҳои вобаста ба Қоидаҳо, Феҳрист ва беамалии масъулин аз ҷониби роҳбари мақоми давлатӣ, мақоми болоӣ, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими низоми иҷозатдиҳӣ ё суд ҳал карда мешаванд.

Замимаи 1
ба Қоидаҳои пешбурди
Феҳристи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ

Мақомоти давлатии ваколатдори иҷозатдиҳанда

| |
|---|
| 1. Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 2. Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 3. Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон: |
| - Хадамоти давлатии назорати фитосанитарӣ ва карантини растанӣ; |
| - Хадамоти давлатии назорати бойторӣ. |
| 4. Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон: |
| - Хадамоти давлатии назорати санитарӣ-эпидемиологӣ; |
| - Хадамоти давлатии назорати фаъолияти фармасевтӣ. |
| 5. Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 6. Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: |
| - Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи энергетика. |
| 7. Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон: |
| - Хадамоти давлатии назорат ва танзим дар соҳаи нақлиёт. |
| 8. Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 9. Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 10. Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 11. Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 12. Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 13. Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 14. Агентии сохтмон ва меъмории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон: |
| - Сарраёсати меъморӣ ва шаҳрсозии шаҳрҳо ва ноҳияхои ҷумҳурӣ. |
| 15. Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 16. Саридораи назорати давлатии бехатарии корҳо дар саноат ва кӯҳкории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| 17. Бонки миллии Тоҷикистон |
| 18. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| 19. Дигар мақомоти ваколатдори давлатӣ |

Замимаи 2
ба Қоидаҳои пешбурди
Феҳристи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ

| | Қисми асоси Феҳристи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳии мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи фармасевтӣ |
|---|---|
| 1. | Шаҳодатномаи аккредитатсияи субъектҳои соҳибкории фармасевтӣ, аз ҷумла намояндагиҳои тиббии ташкилотҳои фармасевтии хориҷии ба фаъолияти фармасевтӣ машғулбуда |
| 2. | Рухсатнома барои гузаронидани озмоишҳои воситаҳои клиникӣ |
| 3. | Шаҳодатномаи бақайдгирии маводи доруворӣ |
| 4. | Шаҳодатномаи воридот ва содироти маводи нашъадор, моддаҳои психотропӣ ва прекурсорҳои дар соҳаи тиб истифодашаванда |

Замимам 3
ба Қоидахои пешбурди
Феҳристи ҳуччатҳои иҷозатдиҳӣ

| | | |
|---|---|---|
| 1. | Шаҳодатномаи аккредитатсияи субъектҳои соҳибкории фармасевтӣ, аз ҷумла намояндагиҳои тиббии ташкилотҳои фармасевтии хориҷии ба фаъолияти фармасевтӣ машғулбуда | |
| | | А |
| | | Б |
| | | В |
| | | Г |
| | | Д |
| | | Е |
| | | Ё |
| | | Ж |
| | | З |
| | | И |

Замимаи 4
ба Қоидаҳои пешбурди
Феҳристи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ

| | |
|---|---|
| 1. | Шаҳодатномаи аккредитатсияи субъектҳои соҳибкории фармасевтӣ, аз ҷумла намояндагиҳои тиббии ташкилотҳои фармасевтии хориҷии ба фаъолияти фармасевтӣ машғулбуда |
| ВА | Валихоҷаев Иброҳим Холович |
| ВА | Вализода Неъматҷон Кенҷаевич |
| ВА | Ватанов Умарбек Шукрулоевич |
| ВА | Ваҳобов Зуҳурбек Бекмуродович |
| ВБ | |
| ВГ | |
| ВД | |
| ВЕ | Вехов Иброхим Мухторович |
| ВЕ | Везирова Мубарохон Бобоевна |
| ВЕ | |
| ВЕ | |
| ВЖ | |
| ВЗ | |
| ВИ | Викторова Умеда Холмуродовна |
| ВИ | Вилоятов Ином Калонович |
| ВЛ | |
| ВМ | |
| ВН | |
| ВО | Волохов Петр Азизхоҷаевич |
| ВО | Вольтер Марк Петрович |
| ВО | Воҳидов Абдураҳмон Азизович |

Замимаи 5
ба Қоидаҳои пешбурди
Феҳристи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ

| | |
|---|---|
| 1. | Шаҳодатномаи аккредитатсияи субъектҳои соҳибкории фармасевтӣ аз ҷумла намояндагиҳои тиббии ташкилотҳои фармасевтии хориҷӣ ба фаъолияти фармасевтӣ машғулбуда |

| Ватанов Иброим Бобомуродович | |
|---|---|
| Номи шахси ҳуқуқӣ, ному насаб барои соҳибкори инфиродӣ | ҶДММ "Ҳамкорӣ ва Хизмат" |
| Сана ва рақами қарор оид ба пешниҳоди ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ | 15 майи соли 2010, №1569 |
| Силсила, рақам ва санаи пешниҳоди ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ | 002698745, №75421987, 20 майи соли 2010 |
| Мӯҳлати амали ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ | Бемӯҳлат |
| Маълумот оид ба аз нав барасмият-дарории ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ ҳангоми аз нав барасмиятдарорӣ, пешниҳоди нусхаҳо ва нусхаҳои дуюми хуҷҷати иҷозатдиҳӣ | |
| Асосҳо, сана ва рақами қарор оид ба қатъгардонӣ ва бартарафкунии камбудиҳои шартҳои ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ | |
| Асосҳо, сана ва рақами қарор оид ба боздошт ва барқароркунии амали ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ | |
| Асосҳо, сана ва рақами қарор оид ба бекор кардани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ | |
| Асосҳо, сана ва рақами қарор оид ба беэътибор донистани ҳуҷҷати иҷозатдиҳӣ | |

Замимаи 6
ба Қоидаҳои пешбурди
Феҳристи ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ

## Қисми бойгонӣ
## Дафтари бақайдгирии иқтибосҳо аз Феҳрист

| Идораи дархост-кунанда/шахс | Маводи дархостшаванда | Санаи вориди дархост | Санаи пешниҳоди маълумоти дархост-шаванда | Корманди масъул |
|---|---|---|---|---|
| Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давла-тии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Микдори иҷозатҳои додашуда дар соҳаи танзими фаъолияти фармасевтӣ дар давраи аз 31 декаб-ри соли 2008 то 1 январи соли 2010 | 27 сентябри соли 2011 | 15 октябри соли 2011 | Саидхоҷаев Муслимшо Юсупович |
| Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон | Рӯйхати аризадиҳан-дагон барои гириф-тани "Иҷозати воридоти карантинӣ" дар давраи аз моҳи марти соли 2008 то ноябри соли 2009 | 15 январи соли 2010 | 20 январи соли 2010 | Шамолов Хол Фидокорович |
| Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон | Руйхати дорандагони "Иҷозат барои партофтани моддаҳои зараровар ба давраи аз 1 марти соли 2010 то 1 марти соли 2011 | 10 сентябри соли 2011 | 16 сентябри соли 2011 | Маъмуров Алибахш Додхоевич |